«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
_____________ Хушвахтзода Қ.Х.
«____»_____12_____2023

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**доир ба диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ»**

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ дисссертасияи Зикирзода Ҳобилро дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси баромади муқарризони расмии таъйиншуда хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсяи Ҳ.Зикирзода кори илмии комилу мустақилона анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ, навгонии илмӣ мебошад. Дар раванди таҳияи диссертатсия унвонҷӯ аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, масъалаи озодии инсонро дар таълимоти машшоияи шарқӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ комёб гардидааст. Аз ҷумла, муҳиммияти мавзуи таҳқиқот барои соҳаи таърихи фалсафа ва ҷомеаи муосир дар сатҳи хеле хуб мушаххас ва бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шудааст. Тавре ки унвонҷӯ зикр менамояд, «дар замони муосир масъалаи озодӣ яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба инсон ва ҳаёти иҷтимоии ӯ аст, ки дар ҷанбаҳои мухталифи он инъикос меёбад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити имрӯзаи ҷаҳоншумулӣ рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш таҳрик дода, барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ ба ҳадде мерасонад, ки дар ин равиш қудратҳои табиӣ барои иҷрои иродаи инсон монеаи камтар эҷод менамоянд».

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки дар шароити ҷаҳони муосир, ки хусусияти анҷомёбии ҳукмронии секулярӣ дошта, бо табдили он ба болоравии арзиши ҳуввияти этнофарҳангӣ, динӣ ва идеологӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ робита дорад, мушкилоти таҳқиқи консепсияҳои табиати инсон, озодӣ, фармонбардорӣ ва ҳуқуқҳои табиии ӯ аҳамияти хосаро доро мешаванд. Консепсияи муосири озодӣ ва фармонбардории инсон бо хусусияти умумибашарии он, қолабҳои муқарраршудаи озодии виҷдони фард бо далели тафовути фарҳангҳо, ҳатмӣ мутобиқат надоштани он ба як қолаби муайяни ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад ва модели ягонаи ақлонии ахлоқӣ ё динии озодии инсон вуҷуд надорад, ки ҳама бояд ба он мувофиқат кунанд. Ба маънои дигар, вазъияте ба вуҷуд меояд, ки барои дарки фарҳанги муайян бояд ба сарчашмаҳои пайдоиши ин

консепсия рӯ овард. Мушаххасан баррасӣ ва таҳлил намудани имкониятҳои татбики қолабҳои озодии инсон бо омӯзиши вижагиҳои он дар фарҳанги халқҳои гуногун ва давраҳои мухталиф бо бардошти арзишҳои муҳимтарини онҳо ба аҳамияти таҳқиқот дар бораи озодӣ ва фармонбардорӣ далолат мекунад.

Аҳамияти таҳқиқоти фалсафаи озодӣ дар осори машшоиёни шарқӣ ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки дар замони муосир, ки таърих ва сарнавишти инсон пур аз таҳлукаю изтироб аст, омилҳо ва сабабҳои мухталифе вуҷуд доранд, ки муҳаққиқонро водор мекунанд, ки мунтазам ба афкор ва ақоиди мутафаккирони гузаштаи исломӣ дар мисоли машшоиёни шарқӣ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги тоҷикон, рӯ оранд. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии оммаи мардум дар кишварҳои минтақаи этнофарҳангии тоҷику мусулмон иртибот доранд, аҳамияти озодии инсонро дар қолабҳои фалсафии исломӣ дар муқобили озодии инсон дар қолабҳои идеологӣ ва сиёсии ислом ва ноустувории ин қолаби муқарраршударо нишон доданд. Аз ин ҷо, баррасӣ ва таҳлили афкори мактабҳои ақлгарои ислом, алалхусус, мактаби фикрии машшоияи шарқӣ ва файласуфони барҷастаи он, саъю кӯшишҳои муваффақ ва бобарори онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодӣ ва фармонбардории инсон бағоят муҳим аст.

Бо дар назардошти ин матлаб бояд гуфт, ки муҳаққиқон ва олимони гуногун доир ба консепсияи озодӣ дар таҳқиқи фалсафаи озодии машшоиёни шарқӣ вобаста ба тафовутҳои маъноӣ ва консептуалии онҳо, ин мафҳумро дар ченакҳо ва нуқоти назари мухталиф баррасӣ кардаанд ва бо гирифтани маълумоти бештар дар бораи истифода, вазифа ва ҳадафҳои онҳо дар бораи ҳаёти маънавӣ ва иҷтимоии халқу миллатҳои гуногун ба шинохти бештар ноил гаштан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, диссертант тавонистааст, ки бо далелҳои муътамад аҳамияти мавзуи таҳқиқотии худро мушаххас нишон дода, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро ба низом дарорад. Мақсади таҳқиқот омӯзиши асосҳои фалсафии озодӣ дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ буда, вазифаҳои гузошташуда аз он бармеоянд ва бо объекти диссертатсия пайванди мантиқӣ доранд.

Қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ дар сатҳи зарурӣ таҳия шудааст. Муаллифи диссертатсия зимни таҳияи он аз сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотии зиёд истифода намуда, ҳар як таълифотро арзишгузорӣ менамояд, ки аз ахлоқи баланди илмии диссертант гувоҳӣ медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз таркиби кори диссертатсионӣ баромада, хусусияти илмӣ доранд. Аз ҷумла:

- аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст, ки омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ташаккулёбии консепсияи озодӣ дар таълимоти машшоиёни

шарқӣ барои синтези назарияҳо ва таълимоти мактабҳои фалсафию динии гуногун заминаи ақлгароиро ба вуҷуд овардааст;

- дар доираи фаҳмишии динӣ ва фалсафии масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар дар таълимоти машшоиён, иртиботи онҳо бо озодии инсон ба таври мукаммал ва муназзам нишон дода шуда, асоснок гардидааст, ки инсон дар кору кирдораш озод аст ва қазою қадари илоҳӣ бар пояи илми ӯ қарор мегирад ва сарнавишти инсонро пешакӣ муайян карда, ба ӯ имкон додааст, ки ҳаёташро худаш идора кунад;

- зимни таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ дар таълимоти машшоиёни шарқӣ нишон додааст, ки гарчанде озодии иродаи инсон априорӣ аз иродаи Худо вобаста аст, аммо инсон аз тариқи ихтиёр ва интихоб озодии иродаашро ба кор бурда метавонад. Ин имконияти зуҳурёбии озодии ирода дар мадинаи фозилаи машшоиёни шарқӣ бо бартарияти он бар фармонбардории инсон таҳлил ва асоснок шудааст;

- дар асоси таҳлили муқоисавии масъалаи озодӣ ва масъулияти шахс нишон додааст, ки фаҳмиши ин таносуб дар ақоиди мутафаккирони машшоия нисбат ва ихтилофу тазодҳо, умумияти бештар дорад. Муқаррар гардид, ки фармонбардории инсон аз назари машшоиён маънои бардагию ғуломии фитрӣ надорад, балки он тобеиятест, ки онро дар мадинаи фозила мартаба ва мақомҳои одамон тақозо мекунад;

- бори аввал ба таври муқоисавӣ озодӣ ва фармондбардории инсон дар муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ таҳлил ва баррасӣ ёфта, маҳаки асосии ин муносибат дар адолати илоҳӣ ва иҷтимоӣ муайян гардидааст.

Қисматҳои дигари диссертатсия, аз қабили нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, пойгоҳи эмпирикӣ, асосҳои таърихию заминавӣ, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот ва ғайра мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида таҳия шудаанд.

Саҳми шахсии муаллиф бо муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили манбаъҳои иттилоот, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, гузориши масъалаҳои асосии таҳқиқот барои баррасӣ, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, таҳияи муқарраროти назариявӣ ва методологӣ, тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсия арзёбӣ мегардад. Хусусан, таҳлили чунин ҷанбаҳои масъалаҳои вобаста ба озодии инсон ва шахс, монанди иродаи инсон, қазою қадар, ҷабру ихтиёр, масъулияти ахлоқии шахс дар доираи муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ ва ғайра дар чаҳорчӯби омилҳои гуногуни ғоявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар, дар доираи баҳсҳои онтологӣ ва гносеологии ин масъала аз саҳми шахсии муаллифанд. Саҳми шахсии муаллиф, инчунин, дар муқоиса ва таҳлили афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ бо ақоиди мактабҳои фалсафӣ ва динии дигар, монанди муътазила, тасаввуф, мактабҳои гуногуни Юнони Қадим ва файласуфони муосири ғарбӣ дар робита бо масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он муайян карда мешавад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамоянд ва маводи илмии нашрнамудаи диссертант мазмун ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос медоранд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 360 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асосонок гардида, дараҷаи омӯхта шудани он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети диссертатсия, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии диссертатсия, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, нишон дода шудааст ва аҳамияти назариявӣ ва амалии он шарҳ дода шуда, дар бораи тасвиби кори таҳқиқотӣ ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон" номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар асоси талаботи боби мазкур аз ҷониби диссертант ба таври возеҳ мафҳуми озодии инсон: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот шарҳу тавзеҳ дода шуда, омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодӣ дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқ илман мушаххас карда мешаванд. Тамоили ақлгароиро ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ таҳлилу муқоиса менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия "Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" мавзуи марбут ба масъалаи озодии инсон дар доираи баҳсҳои умумионтологӣ дар таълимоти мутафаккирони машшоӣ дар бораи озодӣ ва тобеият мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар идомати он проблемаи ҷабру ихтиёрро мафҳумҳои муайянкунандаи моҳияти фармонбардорӣ ва озодии инсон меҳисобад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи андешаҳои мутафаккирон қайд менамояд, ки масъалаи ҷабр ва ихтиёр доимо таваҷҷуҳи мутафаккирони зиёди исломиро ба худ ҷалб намуда, то ба ҳол як навъ масъалаи муҳими фалсафаи муосир боқӣ мондааст. Дар зербоби сеюми диссертатсия масъалаи қазо ва қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон мавриди таҳқиқи муаллиф қарор дода шуда, дар зербоби чоруми боби мазкур масъалаи "Озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар" таҳқиқ карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ" аз чор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм фарогири масъалаҳои "Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс" мебошад. Дар он қайд карда мешавад, ки мутафаккирони исломӣ, аз ҷумла, машшоиёни шарқӣ ба масъалаи масъулияти ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса додаанд. Дар баҳсҳои мудовим оид ба пайдоиш ва сатҳи масъулияти инсонӣ онҳо кӯшиши исботи онро кардаанд, ки масъалаи иродаи озодии

дар робита ба пешгӯии илоҳӣ ва натиҷаҳои сабабӣ бештар хусусияти ахлоқии фоилро дорад.

Муаллиф, дар зербоби дуюми боби сеюм "Адолат ҳамчун заминаи асосии озодии инсон" қайд мекунад, ки машшоиёни шарқӣ адолатро ҳамчун мизони муайянкунандаи озодӣ ва фармонбардории шахс баррасӣ менамоянд. Яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии исломӣ адолат аст. Адолат дар фалсафаи ислом консепсияи олӣ ва мушаххасест, ки моҳияти он пеш аз ҳама, дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман, адолат дар ислом маънои дуруст ва саҳеҳ гузоштани чизе дар ҷойи мустаҳаққи он мебошад.

Зербоби сеюми боби мазкур "Озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ" унвон дошта, дар он диссертант воқеъбинона қайд менамояд, ки ҳокимият ва озодӣ одатан, ҳамчун мафҳумҳои мутақобила маънидод мешаванд, яъне тасдиқ карда мешавад, ки агар шахсе қудрат ё нуфуз дошта бошад, озодии шахси дигар коҳиш меёбад. Дар ин ҳол қудрат ду навъ буда метавонад: он барои тобеъ кардан ва ё барои пешравии инсон ё ҷомеа ба кор меравад. Ҳангоме ки машшоиёни шарқӣ ва умуман, мутафаккирони файласуф дар бораи қудрат ҳарф мезананд, одатан, ба муносибатҳои иҷтимоии байни ҳокимон ва фармонбардорони онҳо ишора мекунанд, ки дар онҳо фард метавонад таҳти таъсири фаъолияти каси дигар қарор гирад.

Диссертант, дар зербоби чоруми боби мазкур ба таҳқиқи масъалаи андешаҳои машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Дуруст қайд мекунад, ки ҳуқуқи исломӣ ба маънои куллиаш бо номи "шариат" маъруф аст, ки онро фақеҳони ислом тақрибан дар асри X ба вуҷуд овардаанд. То ин дам ҳамаи масоили ҳуқуқӣ бар пояи Қуръон ва суннат ҳаллу фасл мегардиданд. Бо мурури замон дар давлати исломӣ, доираи мусулмонӣ мушкилоте ба миён омаданд, ки ба онҳо дар ин сарчашмаҳо посухеро намеёфтанд. Аз ин рӯ, ба фақеҳони мусулмон зарур омад, ки сарчашмаҳои дигарро ҷустуҷӯ кунанд.

Ҳамин тавр, натиҷа ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсия низ мувофиқи талабот буда, онҳоро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ахлоқ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия намудани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаи озодӣ дар афкори мутафаккирони тоҷику форс мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва таълими фанҳои таърихи фалсафа ва ахлоқ низ истифода намудан мумкин аст.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа кори илмии анҷомёфта буда, ба меъёрҳои муқарраргардидаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Зикирзода Ҳобил ба тариқи зайл сурат гирифт: тарафдор - 16 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №4/1 аз 08.12.2023.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиб, дотсент** **Давлатов П.Н.**

**Имзои Ш.Т. Амирхон ва П.Н. Давлатовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**